# Беҳтарин инсонҳо баъд аз Паёмбарон

## Тарҷумаи китоб (Хайрукум қарнӣ)
## (بهترين انسان ها بعد از پيامبران)

**Таҳиякунанда**: Шууни авқоф ва шууни исломӣ-Кувайт

**Тарҷума**: Исҳоқ бин Абӯллоҳ ал-Авазӣ

1429 ҳ.қ / 1387 ш.қ

## Шиносномаи китоб


| | |
|---|---|
| **Номи китоб**: | Беҳтарин инсонҳо баъд аз Паёмбарон (Хайрукум қарнӣ) |
| **Таҳия кунанда**: | Вазорати авқоф ва шууни Исломӣ- Кувайт |
| **Тачума:** | Исҳоқ бин Абдуллоҳ ал-Авазӣ |
| **Ношир:** | Интишороти ҳақиқат |
| **Тираж:** | 55000 |
| **Соли чоп:** | 1387 ҳиҷрӣ баробар бо зулҳиҷҷа 1429 ҳиҷрӣ шамсӣ |
| **Навбати чоп**: | Аввал |
| **Суроғаи имайл**: | **book@aqeedeh.com** |
| **Сайтҳои муфид:** | www.aqeedeh.com<br>www.islamtxt.net<br>www.sadaislam.com<br>www.islamtape.com<br>www.zekr.tv |

## Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон

# Муқаддима

**الحمد لله نحمده ونستعينه ونستغفره ومن نتوب إليه ونعوذ بالله من شرور أنفسنا وسيئات أعمالنا، من يهديه الله فلا مضل له ومن يضلل فلا هادي له وأشهد أن لا إلــه إلا الله وحــده لا شريك له وأشهد أن محمداً عبده ورسوله، صلى الله عليه وعلى آله وأصحابه وسلم تسليماً كثيراً**

Худованд Паёмбарашро дар миёни гуруҳе аз халқи худ, яъне Асҳоб баргузида аст, ки ӯро бар ҷон ва моли худ бартарӣ доданд ва дар ҳар ҳол худро фидои эшон намуданд, чунон чӣ Худованд дар Қуръони Карим васфашон менамояд ва мефармояд:

﴿مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُــونَ فَضْلًا مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّــوْرَاةِ وَمَــثَلُهُمْ فِــي الْإِنْجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ فَآزَرَهُ فَاسْتَغْلَظَ فَاسْتَوَى عَلَى سُوقِهِ يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ مِنْهُمْ مَغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا﴾[1].

"Муҳаммад фиристодаи Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд дар баробари куффор сахтгир ва дар миёни худ меҳрубон, пайваста онҳоро дар ҳоли рукуъ ва суҷуд мебинӣ дар ҳоле, ки ҳамвора фазл ва ризои Худоро металабанд (то ононро ба биҳишт ворид намояд), нишонаи (итоъати) онҳо (аз Худованд) дар сураташон аз асари саҷдаҳ (ва ибодат) намоён аст, мурод ин аст, ки асари ибодат ва салоҳ ва ихлоси барои Худованди Мутаъол, бар чеҳра мӯмин ошкор мешавад, ин васфи онон дар Таврот ва Инҷил аст ва ба қадре нуму ва рушд карданд, ки деҳқононро ба шигифт овард, ин барои он аст, ки кофиронро ба хашм оварад, (яъне: ҳак Таъоло мусалмононро бисёр нерӯманд мегардонад, то мояи хашм ва ғайзи кофирон гарданд, вале) касоне, ки аз онҳоро имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, Худованд ваъдаи омурзиш ва аҷри азиме (ки биҳишт

[1] : Сураи Фатҳ 29

аст), додааст. (Албатта ин масал шомили Саҳобаи Расул(с) ва ҳамаи касоне аз афвоҷи имон ва лашкариёни Ислом дар гузари асрҳо ва наслҳо мешавад, ки нақши қадамашонро дунбол ва бар равиши эшон роҳрав бошанд)".

Онҳо таълимоти динро расонданд ва дилсӯзона мусалмононро насиҳат намуданд ва бо иҷтиҳодоти зебо ва пурбаракати худ, роҳҳои динро ҳамвор ва пок намуданд ва асбоби онро тақвият намуда, то осори неъматҳои Худо бар мардум зоҳир шуд, ва динаш побарҷо ва устувор гардид ва хат ва нишонаҳояш возеҳ ва ошкор гардид ва ширк ва бутпарастиро хору забун намуда ва шохаҳояшро поён оварда ва пояҳояшро нобуд намуданд ва дини Худо бартарии худро ёфт ва дин ва кеши кофиронро паст ва фурӯмоя ва беарзиш намуд. Пас дурӯд ва раҳмат ва баракати Худо бар ҷони пок ва руҳи баланд ва покизаашон.

Онҳо дар зиндагии худ авлиё ва дӯсти Худо буданд ва пас аз мурдан номашон зинда ва ҷовид монд ва барои бандагони Худо насиҳатгар ва хайрхоҳ шуданд. Онҳо пеш аз ин, ки ба дӯнёи охират бирасанд, ба он ҷо сафар намуда буданд ва аз дӯнё рафтанд дар ҳоле, ки номашон дар он ҷовидон аст.

Онҳо ёрони Паёмбар(с), беҳтарин умматанд. Аҳли амалу кирдори нек ва ҷавонмандӣ ва бахшандагӣ буданд. Бо адолати худ риёсат ва фармонравоии ҷаҳонро ба даст гирифтанд ва бо нӯри худ, торикиҳоро равшан намуданд.

**Таърифи Саҳобӣ дар луғат**:

Асҳоб ҷамъи соҳиб, ва соҳиб исми фоил аз решаи (صَـــحِبَه يَصــحَبُهُ) ба маънои рафоқат аст, хоҳ зиёду тӯлонӣ бошад ё кам ва кӯтоҳ.

**Таърифи Саҳобӣ дар истилоҳ**

Саҳобӣ дар истилоҳ ба касе гуфта мешавад, ки бо Паёмбар(с) мулоқот намуда бошад, дар ҳоле ки ба ӯ имон дошта ва дар ҳоли мусалмонӣ фавт карда бошад.

**Саҳобӣро чӣ гуна шинохта мешавад?**

1. Гоҳо бо Қуръон шинохта мешавад, чунон чӣ Худованд мефармояд:

﴿ثَانِيَ اثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِي الْغَارِ﴾[2].

"Дар ҳоле, ки дувумин нафар буд (ва як нафар бештар ҳамроҳ надошт), дар он ҳангом, ки он ду дар ғор буданд". Ва манзур Абӯбакри Сиддиқ аст.

Лизо гуфтаанд, ҳар кас Саҳоби будани Абӯбакрро инкор кунад, кофир аст ва ҳамчунин монанди Саҳоби будани Зайд бин Ҳориса, чунон чӣ Худованд мефармояд:

﴿ فَلَمَّا قَضَى زَيْدٌ مِنْهَا وَطَرًا﴾.

"Ҳангоме, ки Зайд ниёзашро аз он зан баровард".

2. Гоҳе бо тавотур ва таволии ахбор дар он робита, монанди саҳоби будани Умару Усмон, Алӣву Ҳузайфа, Абӯҳурайраву Ойша ва ғайра аз бузургони Саҳоба(р).

3. Бо гувоҳии Саҳобии дигар, монанди ҳадиси Ибни Аббос(р) дар мавриди ҳафтод ҳазор нафаре, ки бидуни ҳисоб ва бозхост вориди биҳишт мешаванд, ки дар он ҳадис чунин омада:

"فقام عكاشة بن محسن فقال: يا رسول الله! أدع الله أن يجعلني منهم، فقال أنت منهم"

"Укоша бин Муҳсин баланд шуд ва гуфт: Эй Расули Худо! Бароям дӯо кун, то Худованд маро аз ҷумлаи онон қарор диҳад, он Ҳазрат фармуд: Тӯ аз ҷумлаи онҳо ҳастӣ".

---

[2] : Сураи Тавба 40

4. Бо ривоят аз Паёмбар(с), ки аз ӯ шунида бошад ва ё мушоҳида намуда бошад, машрут ба ҳамъаср будан бо ӯ.

5. Бо гувоҳӣ ва шаҳодат додани Тобиъи барои ӯ ба ин сурат, ки бигуяд: фалонӣ аз ёрони Паёмбар(с) ба ман чунин гуфт.

6. Ин ки худ иддиъои саҳобӣ будани хеш кунад, ба шарте одил бошад ва дар ин сурат бояд иддиъояш марбут ба сад сол қабл аз вафот ва реҳлати Паёмбар(с) бошад, чун бо тавотур собит шуда, ки Абӯтуфайл Омир бин Восила Лайсӣ, охирин Саҳобаи Паёмбар(с) дар соли 110 ҳиҷрӣ дар Макка вафот ёфтааст. Пас ҳар кас баъд аз ин муддат иддиъои суҳбат ва ҳамнишинӣ бо Паёмбар(с) дошта бошад, иддиъояш мавриди қабул нест, монанди "Ратни Ҳиндӣ", ки 600 сол баъд аз ҳиҷрат иддиъои саҳобӣ будан кард.

Имом Заҳабӣ(р) мегӯяд: "Бидуни шак ин мард ҳилагар ва даҷҷол аст, зеро шашсад сол баъд аз Паёмбар(с) иддиъои Саҳобӣ будан намуда, дар ҳоле, ки Саҳоба дуруғ намегӯянд ва ин мард пур рӯ ва бе ҳаёест ва дар ҳаққи Худо ва Паёмбараш густохӣ намудааст.

## Асҳобе ки бештарин ривоятро нақл намуданд.

Саҳобае, ки бештарин ривоятро аз Паёмбар нақл намуда, Абӯҳурайра(р) мебошад, чун Расули Худо(с) барои ӯ дӯо карданд. Пас эшон дар замони худ, чунон чӣ имоми Шофиъӣ мегӯяд, аз ҳамаи Асҳоб бештар аҳодисро аз Паёмбар нақл намуданд, сипас Абдуллоҳ бин Умар, сипас Абдуллоҳ бин Аббос, сипас Ойша, сипас Ҷобир бин Абдуллоҳ, сипас Анас бин Молик, сипас Абӯсаъид Хузрӣ(р).

**Асҳобе, ки бештар фатво додаанд.**

Абдуллоҳ бин Масъӯд, Зайд бин Собит ва Абдуллоҳ бин Аббос(р), Асҳобе ҳастанд, ки бештарин фатворо содир намуданд. Алӣ бин Мадинӣ мегӯяд: Дар миёни Асҳоб ва ёрони Паёмбар(с) касе набуд ки ёроне дошта бошад, ки ба ақволи фиқҳии ӯ иноят варзанд ва аз он муроқабат кунанд, ҷуз ин се нафар.

**Мадҳ ва ситоиши Саҳоба дар Қуръон ва Суннат ва Ақволи Салафи Солеҳ**

Дар Қуръон ва Суннати Паёмбар(с) ва гуфтори салафи солеҳ, бисёр дар мавриди Асҳоб(р) ва сифоти хуб ва ахлоқи писандида ва сирати пок ва мунҳасир ба фарди онҳо мадҳ ва ситоиш шудааст.

Дар воқеъ онҳо дар ҳама кирдор ва гуфтор ва сирати пок ва ахлоқи зебо ва писандида ба авҷи худ расидидаанд. Ба хамин далел аст, ки Худованд онҳоро барои ҳамнишинӣ ба Паёмбари худ баргӯзида аст.

**Авалан: Мадҳи онҳо дар Қуръони Карим**:

Худованд мефармояд:

﴿وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُم بِإِحْسَانٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ﴾.

"Пешгомони нахустин аз Муҳоҷирин ва Ансор ва касоне, ки ба некӣ аз онҳо ёд карданд, Худованд аз онҳо хушнӯд гашт ва онҳо (низ) аз ӯ хушнӯд шуданд ва боғҳое аз биҳишт барои онон фароҳам сохта, ки дарёҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд ва инаст пирӯзии бузург".

Ин оят шомил бар ниҳояти дараҷаи мадҳ ва ситоиши Парвардигор аз собиқин ва гузаштагони нахустин аз Муҳоҷирин ва Ансор ва Тобиъини неки

онҳо мебошад, зеро Худованд эълон медорад, ки аз онҳо розӣ аст ва онҳо аз ӯ низ хушнӯд ҳастанд ва онҳоро аз рӯйи карам ва лутфи худ ба биҳишти пурнозу неъмат ва рӯзии бепоёни худ, ки ҳеҷ вақт аз байн намеравад ваъда фармудааст.

2. Худованд мефармояд:

﴿لَقَدْ تَابَ اللَّهُ عَلَى النَّبِيِّ وَالْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنصَارِ الَّذِينَ اتَّبَعُوهُ فِي سَاعَةِ الْعُسْرَةِ مِنْ بَعْدِ مَا كَادَ يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٍ مِنْهُمْ ثُمَّ تَابَ عَلَيْهِمْ إِنَّهُ بِهِمْ رَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾.

"Мусалламан Худованд раҳмати худро шомили ҳоли Паёмбар ва Муҳоҷирон ва Ансоре, ки дар замони сахтӣ ва шиддат (дар ҷанги Табук) аз ӯ пайравӣ карданд намуд, баъд аз он ки қариб буд дилҳои гурухе аз онҳо аз ҳақ мунҳариф шавад (ва аз майдони ҷанг боз гарданд), сипас Худо тавбаи онҳоро пазируфт, ки ӯ нисбат ба онон меҳрубон ва раҳим аст".

Дар оят ситоиш ва сано барои Саҳобаи Паёмбар(с) ки дар ҷанги Табук аз Муҳоҷирин ва Ансор ширкат карданд, омада ва хабар аз виҷдони поки онҳо чун Худованд хабар намедихад, киононро мавриди омурзиш ва мағфират қарор дода, магар ин ки аз онҳо ва аъмолу кирдорашон розӣ аст.

Абдуллоҳ бин Аббос(р) мегӯяд: "Ҳар касе, ки Худованд тавбаи ӯро қабул кунад, ҳаргиз азобаш намедиҳад".

3. Худованд мефармояд:

﴿قُلْ الْحَمْدُ لِلَّهِ وَسَلَامٌ عَلَى عِبَادِهِ الَّذِينَ اصْطَفَى﴾[٣].

"Бигӯ: Ҳамд махсуси Худост ва салом бар бандагони баргузидааш".

Муфассири машҳур, Ибни Ҷарири Табарӣ(р) мегӯяд: "Баргузидагони Худо касоне ҳастанд, ки Худованд онҳоро барои Паёмбараш Муҳаммад(с) баргузид ва онҳоро ёр ва вазири ӯ ва пуштибони дин

[3]: Сураи Намл 59

қарор дод, ки бар эшон фиристода буд, на онон ки ба ӯ ширк варзиданд ва нубувати Паёмбарашро инкор намуданд".

4. Худованд мефармояд:

﴿مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَمَثَلُهُمْ فِي الْإِنْجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ فَآزَرَهُ فَاسْتَغْلَظَ فَاسْتَوَى عَلَى سُوقِهِ يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ مِنْهُمْ مَغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا﴾[٤].

"Муҳаммад фиристодаи Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд дар баробари куффор сарсахт ва шадид ва дар миёни худ меҳрубонанд, пайваста онҳоро дар ҳоли рукуъ ва суҷуд мебинӣ, дар ҳоле ки ҳамвора фазли Худо ва ризои ӯро металабанд (то ононро ба биҳишт дохил намояд), нишонаи (итоъати) онҳо (аз Худованд) дар сураташон аз асари саҷдаҳ (ва ибодат) намоён аст, мурод ин аст, ки асари ибодат ва салоҳ ва ихлос барои Худованди Мутаъол бар чеҳраи мумин ошкор мешавад, ин васфи онон дар Таврот ва Инҷил аст, ҳамонанди зироъате, ки гиёҳои худро хориҷ сохта, сипас ба тақвияти он пардохта, то мустаҳкам шуда ва бар пойи худ истодааст ва ба қадре нумӯ ва рушд карда, ки деҳқононро ба шигифте во медорад. Ин барои онаст, ки кофиронро ба хашм оварад, (яъне: Худованд мусалмононро нерӯманд мегардонад, то мояи хашм ва ғазаби кофирон гардад, вале) касоне аз онҳо имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, Худованд ваъдаи омурзиш ва аҷри бузурге, (ки биҳишт аст) додааст. (албатта ин масал, шомили Саҳобаи Расули Худо ва ҳама касоне аз афвоҷи имон ва лашкариёни Ислом дар гузари асрҳо ва наслҳо мешавад, ки нақши қадамашонро дунбол ва ба роҳ ва равиши эшон раҳрав бошанд)".

---

[4] : Сураи Фатҳ 29

Иби Касир(р) мегӯяд: "Асҳоб(р) ният ва қасди худро холис ва пок намуданд ва аъмол ва кирдори худро оростанд ба гӯнае, ки ҳар кас ба роҳ ва равиш ва ҳидояти ва роҳёфагии онҳо бингарад, шигифтзада ва мутаъаҷҷиб хоҳад шуд.

Имом Молик(р) мегӯяд: "Ба ман хабар расида вакте, ки Насоро Асҳоберо медиданд, ки Шомро фатҳ намуда буданд, мегуфтанд: Ба Худо савганд инҳо аз Ҳавворииин (асҳоби Мусо), ки хабари онҳо ба мо расидааст, беҳтар ва бартаранд.

Дар воқеъ сухани онҳо дар мавриди Асҳоб дуруст аст, зеро дар китобҳои осмонии гузашта ин Уммат мавриди таъзим ва бузургдошт буданд ва мусаллам аст, ки бузургтарин ва фақеҳтарини онҳо низ ёрони Паёмбари Худо(с) мебошанд.

5. Худованд мефармояд:

﴿وَاعْلَمُوا أَنَّ فِيكُمْ رَسُولَ اللَّهِ لَوْ يُطِيعُكُمْ فِي كَثِيرٍ مِنَ الْأَمْرِ لَعَنِتُّمْ وَلَكِنَّ اللَّهَ حَبَّبَ إِلَيْكُمْ الْإِيمَانَ وَزَيَّنَهُ فِي قُلُوبِكُمْ وَكَرَّهَ إِلَيْكُمُ الْكُفْرَ وَالْفُسُوقَ وَالْعِصْيَانَ أُوْلَئِكَ هُمُ الرَّاشِدُونَ﴾.

"Ва бидонед Расули Худо дар миёни шумост (пас эҳтироми ӯро ба ҷо оваред), ҳар гоҳ агар дар бисёре аз корҳо аз шумо итоъат кунад, дар машақат хоҳед афтод, вале Худованд имонро маҳбуби шумо қарор дода ва онро дар дилҳоятон зиннат бахшида ва (бар акс) куфр ва фиск ва гуноҳро манфуратон қарор додааст. Касоне, ки дорои ин сифотанд, ҳидоят ёфтагонанд".

Худованд дар ин оят баён мекунад, ки имонро дар қалби Асҳоби Паёмбар(с) маҳбӯб ва музайян намуда, куфру фисқ ва маъсиятро дар дили онҳо зишт ва нописанд ҷилва додаст ва онҳоро ҳидоятёфта ва хирадманд қарор дода, то ин ки лаёқати ҳамнишинӣ бо Паёмбар(с)ро дошта бошанд, пас Худованд ба онҳо чунин тавоноӣ ва истеъдоде бахшид, ки ба василаи он

мустаҳиқ ва лаёқати пирӯзӣ ва роҳёфтагӣ пайдо кунанд.

**Дуввум: Ситоиш ва мадҳи онҳо дар Аҳодис ва Суннати Паёмбар(с).**

1. Абӯдардо(р) аз падараш ривоят мекунад, ки Паёмбар(с) фармуд:

"النجوم أمنة للسماء؟ فإذا ذهبت النجوم أتى السماء ما توعد؟ وأنا أمنة لأصحابي؟ فإذا ذهبت أتى أصحابي ما يوعدون؟ وأصحابي أمنة لأمتي فإذا ذهب أصحابي أتى أمتي ما يوعدون".

"Ситорагон нигаҳбони осмонҳо ҳастанд, ва ҳар гоҳ ситорагон рафтанд, он чӣ бар осмонҳо ваъда шуда буд, хоҳад омад ва ман ҳофиз ва нигаҳбони ёронам ҳастам ва ҳар гоҳ ман рафтам, он чӣ бар ёронам ваъда шудаст меояд, ва Асоҳоби ман нигаҳдори Уммат ҳастанд, пас ҳар гоҳ Асҳоби ман рафтанд, Уммтам ба он чӣ ваъда дода шуданд, дучор хоҳад шуд...

Имом Ибни Ҳиббони Бастӣ(р) мегӯяд: Маънои ин хабар чунин аст, ки Худованд ситорагонро аломат ва нишонае бар мондани осмон ва бим ва муҳофизе дар баробари нобудии он қарор додааст, пас агар онҳо аз байн рафтанд, осмон низ ба фаноие, ки Худованд барояш муқаррар намуда, дучор мешавад ва Худованд Паёмбарро ҳофиз ва нигаҳбони ёронаш дар баробари фитна ва ошуб қарор дода ва ҳар гоҳ ӯро ба сӯйи биҳишти худ боз гардонад фитнае, ки Асҳоб ва ёронаш бадон ваъда дода шудаанд, воқеъ хоҳад шуд ва дар фитна ва ошӯб хоҳанд афтод ва Худованд Саҳоба ва Ёрони Паёмбарро амин ва нигаҳбони Уммати худ қарор дода аст, то аз ҷавру зулм ва ситам бар ҳазар бошанд, пас вақте рафтанд, он чӣ ба онҳо ваъда дода шуда буд аз зулму ситам ва хурофот, ворид хоҳад шуд".

2. Аз Имрон бин Ҳусайн(р) ривоятаст, ки гуфт: Аз Расули Худо(с) шунидам, ки мефармуд:

"إن خيركم قرني، ثم الذين يلونهم قال عمران: لا أدري قال رسول الله(ص) بعد قرنه مرتين أو ثلاثة"

"Беҳтарин шумо касоне ҳастанд, ки дар ин қари ман зиндагӣ мекунанд, сипас ононе, ки ба дунболи онҳо меоянд". Имрон мегӯяд: намедонам Расули Худо(с) ҷумлаи "ثم الذين يلونهم " ро ду бор такрор кард ё се бор.

Имоми Нававӣ(р) мегӯяд: "Уламо муттафиқ бар инанд, ки беҳтарини қарнҳо қарни Расулулуллоҳ мебошад ва мақсуди Паёмбар(с) аз "خيركم قرني ", ёронаш мабошад".

3. Абӯсаъиди Хузрӣ аз Расули Худо(с) ривоят мекунад, ки фармуданд:

" يأتي على الناس زمان يغزو فئام من الناس، فيقال لهم: فيكم من رأى رسول الله(ص)؟ فيقولون: نعم، فيفتح لهم، ثم يغزو فئام من الناس، فيقال لهم: هل فيكم من رأى صحب رسول الله(ص)؟ فيقولون: نعم، فيفتح لهم، ثم يغزو فئام من الناس، فيقال لهم: هل فيكم من رأى من صحب صحب رسول الله(ص)؟ فيقولون: نعم، فيفتح لهم". متفق عليه.

"Рӯзгоре бар мардум меояд, ки гурӯҳе аз мардум ба ҷиҳод мераванд, пас бо онҳо гуфта мешавад: оё касе дар миёни шумо ҳаст, ки Расули Худоро дида бошад? Мегӯянд: Бале. Пас онҳо пирӯз мешаванд ва фатҳ насибашон мегардад, сипас гуруҳи дигаре ба ҷанг бо куффор мераванд ва ба онҳо гуфта мешавад: Оё дар миёни шумо касе ҳаст, ки Саҳоба ва ёрони Расули Худоро дида бошанд? Мегӯянд: бале, пас фатҳ ва пирӯзӣ насиби онҳо мешавад, сипас гуруҳи дигаре ба ҷанг ва ҷиҳод мераванд, пас ба онҳо гуфта мешавад: оё касе дар миёни шумо ҳаст, ки Тобиъиро (касе ки Ёрони Паёмбаро дида бошад, тобиъи гуфта мешавад) дида бошад? Мегӯянд: бале, пас пирӯз мешаванд ва фатҳ насибашон мешавад".

Имоми Нававӣ(р) дар бораи ин ҳадис мегӯяд: "Ин ҳадис аз муъҷизоти Паёмбар(с) мебошад ва бар

фазилати Саҳоба ва Тобиъин ва Тобеъи тобеъин далолат мекунад".

## Мадҳ ва ситоиши Асҳоб аз забони Салафи Солеҳ.

1. Алӣ бин Абӯтолиб(р) мефармояд: "

لقد رأيت أثرا من أصحاب رسول الله، فما أرى أحدا يشبههم، والله إن كانوا ليصبحون شعثا غبرا صفرا، بين أعينهم مثل ركب المعزي، قد باتوا يتلون كتاب الله يراوحون بين أقدامهم و جباههم، إذا ذكر الله مادوا كما تميد الشجرة في يوم ريح، فأهملت أعينهم حتى تبل والله ثيابهم، والله لكأن القوم باتوا غافلين".

"Ман асар ва нишонаҳое аз Асҳоби Паёмбарро дидам, ки ҳеҷ касеро намебинам, ки ба онҳо шабоҳат дошта бошад. Ба Худо савганд онҳо бо мӯйҳои парешону ғуборолӯд ва моил ба зард, шабро ба субҳ мерасонданд ва байни дӯ чашмонашон нишонае ҳамчун нишонаи пешонист, вуҷӯд дошт. Онҳо шабро бо тиловати Қуръон сипарӣ мекарданд ва гоҳе истода рӯйи пойҳояшон ва гоҳе саҷдакунон рӯйи пешониҳояшон ва ҳар гоҳ ёди Худо мешавад онҳо меларзиданд ҳамчун дарахте, ки дар рӯзи туфоне меҷунбад ва ҳаракат мекунад. Ба Худо савганд, чунон аз чашмонашон ашк сарозер буд, ки либосҳояшон тар мешуд. Ба Худо савганд, гуё ин қавм дар ғафлат аз дӯнё хобидаанд".

Ва боз мефармояд:

" أولئك مصابيح الهدى، يكشف الله بهم كل فتنة مظلمة، سيدخلهم الله في رحمة منه"

"Онҳо чароғи ҳидоят ҳастанд, ки Худованд ба василаи онҳо ҳар ошӯб ва фитнаро ошкор месозад. Худованд онҳоро дохили раҳмати худ хоҳад даровард".

2. Абдуллоҳ бин Умар(р) мефармояд:

"من كان مستنا فليستن بمن قد مات، أولئك أصحاب محمد(ص)، كانوا خير هذه الأمة وأبرها قلوباً، وأعمقها علماً، وأقلها تكلفاً، قوم اختارهم الله لصحبة نبيه(ص) ونقل دينه، فتشبحوا بأخلاقهم وطرائقهم، فهم أصحاب محمد(ص) وكانوا على الهدي المستقيم"

"Касе, ки мехоҳад аз дигарон пайравӣ кунад, касонеро интихоб кунад, ки аз дӯнё рафтанд. Онҳо ёрони Муҳаммад(с) ва беҳтарини ин Уммат буданд. Онҳо бо қалбҳои пок ва огоҳии амиқу фаровон ва камтарин такаллуф ва дар айни содагӣ буданд. Худованд онҳоро барои ҳамнишини бо Паёмбараш(с) ва расонидани дин ва паёми худ интихоб кардааст, пас ба ахлоқ ва равиши онҳо таъассӣ (иқтидо) кунед. Онҳо ёрони Паёмбар(с) буданд ва дар роҳи рост ва мустақим буданд".

3. Қатода бин Диъома Саддусӣ мегӯянд: "Барҳақтарин касе, ки шоистаи тасдиқ аст, ёрони Расули Худо(с) мебошанд, ки Худованд онҳоро барои ёрии Паёмабар(с) ва барпои дини худ баргузидааст. (имом Аҳмад).

## Зикри гушае аз мадҳ ва ситоишҳое, ки дар мавриди баъзе аз Асҳоб ворид шудааст.

### Аввал: Абӯбакри Сиддиқ(р).

Эшон, Абдуллоҳ бин Усмон бин Омир бин Каъб, ки насабаш бо насаби Паёмбар(с) дар Мурраҳ бин Каъб васл мешавад, аст. Ду солу шаш моҳ баъд аз воқеъаи соли Фил ба дӯнё амада ва нахӯстин марди Ислом ба шумор меравад.

Дар фазилати ӯ оёт ва аҳодиси зиёде ворид шудааст, аз ҷумла:

1. Худованд мефармояд:

" وَالَّذِي جَاءَ بِالصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِ أُوْلَئِكَ هُمْ الْمُتَّقُونَ."[5]

"Ва аммо касе, ки сухани рост биёварад ва касе, ки онро тасдиқ кунад, онон парҳезгоронанд".

[5] : Сураи Зумар 33

Ибни Ҷарир ба нақл аз Алӣ бин Абитолиб(р) ривоят мекунад, ки мурод аз оят: "وَالَّــذِي جَــاءَ بِالصِّــدْقِ", Муҳаммад(с) мебошад ва мурод аз "صَدَّقَ بِهِ", Абӯбакр мебошад.

2. Худованд мефармояд:

" إِنْ تَتُوبَا إِلَى اللَّهِ فَقَدْ صَغَتْ قُلُوبُكُمَا وَإِنْ تَظَاهَرَا عَلَيْهِ فَإِنَّ اللَّهَ هُوَ مَوْلَــاهُ وَجِبْرِيــلُ وَصَــالِحُ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمَلَائِكَةُ بَعْدَ ذَلِكَ ظَهِيرٌ"[6]

"Агар шумо ду зан тавба кунед, беҳтар аст, зеро дилҳоятон аз ҳақ бозгаштааст. Ва агар барои озораш ҳамдаст шавед, Худо ёвари ӯст ва низ Ҷабраил ва мӯъминони солеҳ ва фаришгагон пас аз он ёвари ӯ хоҳанд буд".

Бисёре аз муфассирин, аз ҷумла Абдуллоҳ бин Аббос ва Абдуллоҳ бин Масъуд ва Абдуллоҳ бин Умар(р) ба ин боваранд, ки мақсуд аз: "صَــالِحُ الْمُــؤْمِنِينَ", Абӯбакр ва Умар мебошад.

3. Абӯсаъиди Хузрӣ(р) аз Расули Худо(с) ривоят мекунад, ки фармӯд:

" إن من أمن الناس عليَّ في صحبته وماله أبوبكر، ولو كنت متخذا خليلا غــير ربي، لاتخــذت أبابكر، ولكن الإسلام ومودته، لا يبقين في المسجد باب إلا باب أبي بكر"[7].

"Касе, ки аз ҳама бештар дар рафоқат ва дӯстӣ ва бо мол ва дороии худ бар ман миннат дорад, ҳамоно Абӯбакр мебошад ва агар чунон чӣ ғайр аз Худо касеро ба унвони дӯст бар мегӯзидам, Абӯбакрро бар мегӯзидам, аммо дӯстӣ ва ухувати Исломӣ кофист. Тамоми дарҳое, ки ба масҷид боз шудаанд бибандед, ҷӯз дарвозаи хонаи Абӯбакр(р)ро".

Имои Қуртубӣ(р) мегӯяд: Маънои ин ҳадис чунин аст: Абӯбакр ҳаққое дорад, ки агар ба ҷойи ӯ каси дигаре мебуд, бар ман миннат мегузошт, зеро ӯ нубувати Паёмбарро тасдиқ намуд дар холе, ки мардум ӯро таксиб мекарданд ва дороиҳои зиёдеро дар роҳи Худо харҷ намуд

---

[6] : сураи Тахрим 4
[7] : ривояти Бухори

дар ҳоле, ки мардум бухл меварзиданд. Эшон ба Паёмбар(с) наздикӣ ва ҳамроҳӣ мекард, дар ҳоле, ки аз ӯ дӯрӣ мекарданд. Ӯ бо вуҷуди ин бо сина боз ва аз таҳи дил ва бо огоҳии комил медонист, ки фазл ва бартарӣ ва эҳсон ва некӣ азони Худо ва Расули Худо(с) мебошад ва миннат барои онҳост ва Паёмбар(с) низ бо ахлоқи каримона ва муъошарати хуб ва зебой худ ба фазилате, ки аз касе содир мешуд, эътироф менамуд ва касеро ки аъмоли неке аз ӯ содир мешавад сипос мекард, он ҳам ба поси шукр ва сипоси Худо, то мардум аз ӯ пайравӣ кунанд ва аз ӯ биёмузанд.

4. Аз Амр бин Ос(р) ривоят аст, ки мугӯяд: Аз Расули Худо(с) суол кардам:

"أي الناس أحب إليك؟ قال: عائشة، قلت: من الرجال؟ قال: أبوها، قلت: ثم من؟ قال: عمر بن الخطاب، فعد رجالاً"[٨].

"Чи касе аз мардумро бештар дӯст медорӣ? Фармӯд: Ойша, гуфтам: Аз миёни мардҳо? Фармӯд: Падараш, гуфтам: сипас чи касе? Фармӯд: Умар бин Хаттоб, ва баъд аз ӯ чанд марди дигарро шумор кард".

Ин ҳадис living сароҳатан ба фазилати Абӯбакр ва Умар ва Ойша(р) ишора дорад ва низ далели возеҳ ва ошкор бар фазилати Абӯбакр(р), сипас Умар ва бар тамоми Саҳоба ва ёрони Паёмбар(с ) аст.

5. Муҳаммад бин Ханафия мефармояд: Аз падарам (Али бин Абитолиб(р)) пурсидам:

"أي الناس خير بعد رسول الله(ص)؟ قال: أبوبكر، قلت: ثم من؟ قال: عمر"

Алӣ бин Абӯтолиб(р) ба таври возеҳ ва сареҳ мефармояд, ки баъд аз Расули Худо(с) Абӯбакр(р) беҳтарини мардум мебошад ва баъд аз ӯ Умар беҳтарини мардум аст ва ин шаҳодат ва гувоҳист аз ҷониби Алӣ бин Абитолиб, ва чӣ гувоҳӣ ва шаҳодати нек ва ба ҷое.

---

[8] : Имом Бухори ва Муслим

**Дуввум: Умар бин Хаттоб(р)**.

Ӯ Умар бин Хаттоб бин Нуфайл бин Абдуъуззо бин Рибоҳ бин Абдуллоҳ бин Қурт бин Ризоҳ бин Адий бин Каъб бин Луйи бин Ғолиб, ва дар ҷаддаш, Каъб бин Луйи ба Расули Худо(с) мепайвандад.

Эшон ҷиҳил сол қабл аз ҳиҷрат дар Маккаи Мукаррама дида ба ҷаҳон гушуданд.

Аҳодиси бисёре дар фазилати ӯ ворид шудааст, аз ҷумла:

1. Имом Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳурайра(р) ривоят мекунанд, ки гуфт:

"بينا نحن عند رسول الله(ص) إذ قال: بينا أنا نائم رأيتني في الجنة، فإذا امرأة تتوضأ إلى جانب قصر، فقلت: لمن هذا القصر؟ قالوا: لعمر، فذكرت غيرته فوليت مدبراً، فبكى عمر، وقال: أعليك أغار يا رسول الله".

"Мо назди Расули Худо(с) будем, он ҳазрат фармуданд: Дар ҳоле, ки ман хоб будам худро дар биҳишт дидам, дар ин асно занеро дидам, ки дар канори қасре вузӯ мекунад, гуфтам: ин кох ба чӣ касе таъаллуқ дорад? Гуфтанд: Аз они Умар аст, пас ғайрат ва шаҳомати ӯро ба ёд овардам ва пушт карда рафтам, пас Умар(р) ба гиря даромад ва гуфт: Дар баробари тӯ эй Расули Худо шаҳомат мекунам?.

2. Саъд бин Абиваққос(р) ривоят мекунад, ки Расули Худо(с) фармуд:

"يا ابن الخطاب! والذي نفسي بيده، ما لقيت شيطاناً فجاً قط إلا سلك فجاً آخر"[9].

"Эй фарзанди Хаттоб! Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, шайтон тӯро дар ҳеҷ роҳе надида, магар ин ки он роҳро тарк карда ва роҳи дигареро дар пеш мегирад".

3. Дигар фазоили Умар бин Хаттоб ин аст, ки Расули Худо(с) шаҳид шуданашро хабар дода ва хабари Паёмбар(с) таҳқиқ ёфт ва Умар ба дасти Абӯлулуйи маҷӯсии палид ва золим ба шаҳодат расид.

[9] : ривояти Бухори ва Муслим

Анас бин Молик(р) ривоят мекунад, ки:

"صعد النبي(ص) أحداً ومعه أبوبكر وعمر وعثمان، فرجف بهم فضربه برجله وقال: أثبت أحد، فما عليك إلا نبي أو صديق أو شهيدان"[10].

"Рӯзе Расули Худо(с) ва Абӯбакр ва Умар ва Усмон бар куҳи Уҳуд боло мешуданд, дар ин асно куҳ ба ларза даромад. Паёмбар(с) бо пойи муборакаш ба он кӯбид ва фармӯд: Эй Уҳуд! Ором бош, чаро ки бар болои тӯ ғайр аз як Набӣ, як Сиддиқ ва дӯ Шаҳид каси дигаре вуҷуд надорад".

4. Дигар фазоили Умар(р) ризоият ва хушнудии тамоми Асҳоб аз ӯ ва ситоишҳоест, ки бузургони Саҳоба дар мавриди ӯ баён доштанд, аз ҷӯмла он чӣ имом Бухорӣ аз Мисвар бин Махрама ривоят карда, ки гуфт:

"لما طعن عمر جعل يألم، فقال له ابن عباس وكأنه يجزعه: يا أمير المؤمنين ولئن كان ذلك لقد صحبت رسول الله(ص) فأحسنت صحبته، ثم فارقته وهو عنك راض، ثم صحبت أبا بكر، فإحسنت صحبته، ثم فارقته وهو عنك راض، ثم صحبت صحبته، ولئن فارقتهم لتفارقهم وهم عنك راضون"[11].

"Вақте, ки Умар(р) зарбат хурд ва аз шиддати дард менолид, Ибни Аббос мехост бо ӯ хамдардӣ кунад, лизо ба ӯ гуфт: Эй Амири муминон! Дурӯст аст, ки бо тӯ чунин коре шуда, аммо тӯ беҳтарин рафиқ ва ёвари Паёмбар будӣ ва эшон реҳлат карданд дар ҳоле, ки аз тӯ розӣ буданд, сипас бо Абӯбакр рафоқат ва дӯстӣ намудӣ ва дӯстият бо ӯ хуб буд, ӯ ҳам аз дӯнё рафт дар ҳоле, ки аз тӯ розӣ ва хушнуд буд, сипас бо дӯстон ва ёрони онҳо ҳамдам ва рафиқ шудӣ, ҳоло ҳам агар ту аз дӯнё биравӣ, ҳама Асҳоб аз тӯ розӣ ҳастанд".

Ибни Аббос(с) мегӯяд:

" وضع عمر بن الخطاب على سريره فتكنفه الناس يدعون ويثنون ويصلون عليه قبل أن يرفع وأنا فيهم، فلم يرعني إلا برجل قد أخذ بمنكبي من ورائي، فالتفت إليه فإذا هو علي، فترحم على عمر وقال: ما خلفت أحداً إلي أن ألقى الله بمثل عمله منك، وأيم الله إن كنت لأظن أن يجعلك الله مع صاحبه، ذاك أني

[10] : Ривояти Бухорӣ

[11] : Ривояти Бухорӣ

كنت أكثر ما أسمع رسول الله(ص) يقول: جئت أنا وأبوبكر وعمر، ودخلت أنـا وأبـوبكر وعمـر، وخرجت أنا وأبوبكر وعمر"، فإن كنت لأرجو-أو لأظن- بأن يجعلك الله معهما"[١٢].

"Дар ҳоле, ки ҷанозаи Умар бар тахташ гузошта шуда буд ва мардум ӯро иҳота карда буданд ва дӯову намозаш мехонданд ва мадҳу санояш мекарданд, қабл аз ин ки ба қабристон бибаранд ва ман дар миёни онҳо будам ва чизе маро натарсонд чӯз ин ки марде ногаҳон аз пушти сар шонаамро гирифт, руй гардонам дидам ки Алӣ аст, бар Умар раҳмат фиристод ва гуфт: Баъд аз тӯ (Умар) касе вуҷуд надошт, ки бо амали ӯ рашк дошта бошам, орзӯ мекардам, ки Худо тӯро дар канори ду дӯстат қарор диҳад, зеро бисёр мешунидам, ки Расули Худо(с) мефармуд: "Ману Абӯбакру Умар омадем, ману Абӯбакр ва Умар ворид шудем, ману Абӯабакр ва Умар рафтем". Лизо орзӯ мекунам –ё бар ин боварам- ки Худованд туро дар канори онҳо қарор диҳад".

**Саввум: Усмон бин Аффон(р).**

Ӯ Усмон бин Аффон бин Абӯлъос бин Уммайя бин Абдушшамс бин Абдуманоф аст, ки насабаш бо насаби Паёмбар(с) дар ҷадаш Абӯманоф бо ҳам васл мешаванд ва модараш Арво духтари Қурайз ва модарбузургаш Умми Ҳаким духтари Абдулмутталиб, амаки Паёмбар мебошад.

Эшон панҷ сол баъд аз вилодати Паёмбар(с) дар шаҳри Тоиф таваллуд шуда ва Паёмбар ӯро "Зинӯрайн" яъне соҳиби ду нӯр, лақаб ниҳод, зеро бо дӯ духтари Паёмбар(с) яъне Руқайя ва сипас Умми Кулсум издивоҷ намуда аст.

Дар мавриди фазилати ӯ аҳодиси бисёре ворид шудаст аз ҷумла:

1. Абдурраҳмон бин Самура(р) ривоят мекунад:

---

[12] : Ривояти Бухорӣ ва Муслим

"جاء عثمام إلى النبي (ص) بألف دينار في ثوبه حين جهز عليه السلام جيش العسرة، قال: فصبها في حجر النبي (ص) فجعل يقلبها بيده ويقول: "ما ضر ابن عفان ما عمل بعد اليوم" يرددها مراراً"[13].

"Вақте, ки Паёмбар(с) лашкари Усраро барои ҷиҳод дар роҳи Худо омода мекард, Усмон(р) ҳазор динорро, ки дар ҷомаи худ қарорашон дода буд, низ назди Паёмбар(с) овард ва онро дар домани он ҳазрат рехт. Паёмбар(с) дар ҳоле ки динорҳоро бо дасти худ ба ҳам мезад мегуфт: "Фарзанди Аффон баъд аз имрӯз ҳеҷ коре ба ӯ зарар ва зиён нахоҳад расонд" ва ин ҷумларо ҳамчунон такрор мекард".

2. Абӯмусо Ашъарӣ(р) ривоят мекунад, ки:

"أن النبي(ص) دخل حائطاً وأمرني بحفظ باب الحائط، فجاء رجل يستأذن فقال: "ائذن له وبشره بالجنة"، فإذا أبوبكر، ثم جاء رجل يستأذن فقال: "ائذن له وبشره بالجنة"، فإذا عمر،ثم جاء آخر يستأذن، فسكت هنيهةً ثم قال: " ائذن له وبشره بالجنة على بلوى ستصيبه"، فإذا عثمان بن عفان"[14].

"Паёмбар(с) вориди боғе шуд ва ногаҳон он боғро ба ман супурд, пас аз муддате марде омад ва иҷоза хост, ки дохил шавад. Паёмбар(с) фармуд: "Ба ӯ иҷозат деҳ ва муждаи биҳишт ба ӯ бидеҳ". Вакте, ки ворид шуд дидам, ки ӯ Абӯбакр(р) аст. Сипас як нафари дигар омад ва иҷозат хост, Паёмбар(с) фармуд: "Ба ӯ иҷозат бидиҳед ва муждаи биҳишт ба ӯ бидеҳ". Вақте, ки ворид шуд дидам, ки Умар аст. Сипас дигаре омад ва иҷоза хост, Паёмбар(р) каме истода ва сипас фармуд: "Ба ӯ иҷоза диҳед, то дохил шавад ва муждаи биҳиштро дар баробари мусибате, ки бар ӯ ворид хоҳад шуд ба ӯ бидеҳ". Вақте, ки ворид шуд дидам, ки Усмон бин Аффон аст".

3. Абӯ Абдурраҳмон ривоят мекунад:

"أن عثمان(رض) حين حوصر، أشرف عليهم وقال: أنشدكم الله ولا أنشد إلا أصحاب النبي(ص) ألستم تعلمون أن رسول الله(ص) قال: "من حفر رومة فله الجنة"، فحفرتها، ألستم تعلمون أنه قال: "من جهز العسرة فله الجنة"، فجهزته، قال: فصدقوا بما قال"[15].

---

[13] : Ривояти имом Ахмад

[14] : Ривояти Бухорӣ ва Муслим

[15] : Ривояти имом Бухорӣ

"Ҳангоме, ки Усмонро муҳосира карданд, рӯ ба онҳо кард ва гуфт: "Шуморо ба Худо савганд медиҳам ва мухотабро ёрони Паёмбар(с) мекунам: Оё намедонед, ки Паёмбари Худо(с) фармуд: "Ҳар касе чоҳи Равмаро канад, биҳишт барои ӯст ?" ва ман онро кандам. Оё намедонед, ки фармуд: "Ҳар касе лашкари Усраро омода кунад биҳишт барои ӯст" ва ман омода кардам". гуфт: пас гуфтаи ӯро тасдиқ карданд".

4. Абдуллоҳ бин Умар(р) ривоят мекунад ки:

"كنا في زمن النبي(ص) لا نعدل بأبي بكر، ثم عمر ثم عثمان، ثم نترك أصـــحاب الـــنبي(ص) لا نفاضل بينهم"[١٦].

"Дар замони Паёмбар(с) ҳеҷ касеро аз Асҳоб ва ёрони Паёмбар(с)ро дар фазилат ва бартарӣ ҳамсанг ва ҳамсатҳи Абӯбакр, сипас Умар ва сипас Усмон намепиндоштем ва ғайр аз ин се нафар бақияи Саҳоба дар фазилат мусовӣ буданд".

**Чаҳорум: Алӣ бин Абӯтолиб(р):**

Ӯ Алӣ бин Абӯтолиб бин Абдулмутталиб бин Амуи Паёмбар ва шавҳари духтараш Фотима(р) аст. Эшон даҳ сол қабл аз беъсат дида ба дунё гушуд ва ӯ нахустин ҷавоне аст, ки мусалмон шудааст.

Куннияаш Абӯтуроб мебошад. Модараш Фотима духтари Асад бин Ҳошим бин Абдулманоф бин Қусай аст. Мегӯянд ӯ нахустин зани Ҳошимӣ аст, ки фарзанди Ҳошимиро ба дунё овардааст ва мусалмон шуда ва ҳиҷрат ҳам намудааст.

Аҳодиси зиёде дар фазилати эшон ворид шуда, ба унвони мисол:

1. Имоми Бухорӣ ва Муслим аз Саҳл бин Саъд аз Расули Худо(с) ривоят мекунанд, ки фармуданд: "Фардо парчамро ба марде хоҳам дод, ки Худованд фатҳ ва

[16] : ривояти имоми Бухори

пирӯзиро ба дасти ӯ хоҳад намуд, Худо ва Расулашро дӯст дорад ва Худо ва Расулаш низ ӯро дӯст доранд, сипас он парчамро ба Алӣ(р) дод".

Шайх Сулаймон бин Абдуллоҳ бин Муҳаммад бин Абдулваҳоб мегӯяд: "Ҷумлаи: "يحب الله ورسوله ويحبه الله ورسوله" фазилати Алиро баён мекунад, зеро ки Паёмбар(с) бо он огоҳӣ додааст".

2. Саъд бин Абиваққос(р) ривоят мекунад, ки Расули Худо(с) ба Алӣ фармуд:

" أنت مني بمنزلة هارون من موسى إلا أنه لا نبي بعدي."

"Ту барои ман ба манзалаи Ҳорун барои Мусо ҳастӣ, магар ин ки баъд аз ман Паёмбаре нахоҳад омад"[17].

3. Алӣ(р) ривоят мекунад, ки

"والذي خلق الحبة وبرأ النسمة إنه لعهد النبي الأمي(ص) إليَّ أن لا يحبني إلا مؤمن، ولا يبغضني إلا منافق"

"Савганд ба Худое, ки донаро офарида ва бодро халқ ва ба вазиш даровард, ин аҳд ва паймон Паёмбари Уммӣ аст, ки ҷӯз мумин касе маро дӯст намедорад ва ҷӯз мунофиқ касе аз ман нафрат ва хашм намедорад"[18].

4. Барро бин Озиб(р) нақл мекунад, ки Расули Худо(с) ба Алӣ чунин фармуд: "أنت مني وأنا منك". "Тӯ аз ман ва ман аз тӯ ҳастам"[19].

4. Абдуллоҳ бин Аббос(р) ривоят мекунад, ки Умар(р) гуфт:

"أقرأنا أبي وأقضانا علي".

"Беҳтарин қории мо Убай бин Каъб ва беҳтарин қозӣ дар байни мо Алӣ бин Абӯтолиб аст"[20].

---

[17] : Ривояти имомон Бухорӣ ва Муслим
[18] : Ривояти имом Муслим
[19] : Ривояти имом Бухорӣ
[20] : Ривояти Бухорӣ

## Панҷум: Муъовия бин Абӯсуфён(р):

Эшон, Муъовия бин Сахр бин Ҳарб бин Умайя бин Абдушшамс бин Абдуманоф, Қурайшӣ, Амавӣ аст.

Ва модараш Ҳинд духтари Утбаҳ мебошад, ки падар ва модараш дар ҷаддашон Абдушшамс бо ҳам васл мешаванд.

Куннияаш Абӯ Абдурраҳмон аст. Эшон ҳамроҳи падараш ва бародараш Язид ва модараш Ҳинд ҳамагӣ дар рӯзи фатҳи Макка мусалмон шуданд ва гуфта шуда, ки ӯ қабл аз падараш дар умраи қазо Ислом оварда аст.

Дар фазилати ва бузургвории ӯ аҳодиси бисёре ворид шуда аст, аз ҷумла:

1: Тирмизӣ аз Абдурраҳмон бин Аби Умайраҳ(р) ривоят мекунад, ки Расули Худо(с) фармуданд:

" اللهم اجعله هادياً ومهدياً واهد به".

"Худованд! Уро роҳёфта ва ҳидоят ёфта ва муршид ва роҳнамо қарор деҳ ва ба василаи ӯ мардумро ҳидоят кун".

3. Абдуллоҳ бин Аббос(р) ривоят мекунад ки:

"أن أبا سفيان قال للنبي (ص): ثلاثة أطنيهن! قال: نعم... وفيه: معاوية تجعله كاتيا بين يـــديك. قال: نعم"[٢١].

"Абӯ Суфён ба Паёмбар(с) гуфт: Се чиз дархост мекунам, то ба ман бидиҳӣ. Фармуд: бале... ва аз он се чиз ин, ки Муъовияро котиби худ қорор диҳӣ. Гуфт: Бале".

Абӯ Наъим мегӯяд: Муъовия аз нависандагон ва котибони Расули Худо(с) буд, хати хуб ва забони фасеҳе дошт ва бисёр бурдбор ва сабӯр ва қавӣ буд.

3. Ибни Абимулайка мегӯяд:

"قيل لابن عباس: هل لك في أمير المؤمنين معاوية، فإنه ما أوتر إلا بواحد؟ قال: أصاب إنه فقيه"

"Аз Ибни Аббос(р) пурсиданд: Чӣ мегӯйи дар бораи Амиралмумнин Муъовия, ки фақат намози витрро як ракаъат мехонд? Дар ҷавоб гуфт: ҳақро исобат кардааст, зеро дар ҳақиқат эшон фақиҳ аст".

[21] : Ривояти Муслим

4. Аз Алӣ бин Абитолиб(р) ривоят шуда, вақте, ки аз ҷанги Сиффин баргашт гуфт: Эй мардум! Аз фармондиҳӣ ва имората Муъовия нороҳат набошед, зеро ки агар ӯро аз даст бидиҳед, сарҳоро ҷудо шуда аз ҷасадашон мебинед, гӯё ки бодранги талхаст, ки аз решаашон ҷудо шудаанд".

5. Абдуллоҳ бин Умар(р) мегӯяд: "Пас аз Расули Худо(с) касеро саховатмандтар аз Муъовия надида будам. Гуфтанд: ҳатто падарат? Дар ҷавоб гуфт: падарам (Умар) аз Муъовия беҳтар ва бартар буд, вале Муъовия аз ӯ саховатмандтар буд"[22].

6. Қубайсаҳ бин Ҷобир мегӯяд: "Ҳар гиз шикебо ва оромтар ва саховатмандтар ва фурутан ва латиф ва меҳрубон ва некдортар аз Муъовияро надидам".

7. Аз Абдуллоҳ бин Муборак(р) пурсиданд: "Умар бин Абдуъазиз беҳтар аст ё Муъовия? Дар ҷавоб гуфт: Гарду ғуборе, ки дар бинии аспи Муъовия дар ҳангоми ҷанг дар роҳи Худо бо Паёмбар(с) дохил шуда, беҳтар ва бартар аз Умар бин Абдулъазиз аст".

8. Қозӣ Аёз(р) мегӯяд: "Марде ба Муъофи бин Имрон гуфт: Умар бин Абдулъазиз аз Муъовия беҳтар ва бартар ва бузургвортар аст. Муъофӣ асабонӣ шуд ва гуфт: Ҳеҷ кас бо ёрони Паёмбар муқоиса намешавад. Муъовия ёвар ва котиби ваҳй ва амонатдори ваҳйи Худо бар Паёмбараш, ва Паёмбар домоди (язна) ӯ мебошад".

9. Тарихдонон дар бораи Муъовия гуфтанд: "Худованд кишварҳои бисёре дар замони ӯ ба фатҳ ва ба тасарруфи мусалмонон даровард ва бо кишвари Рӯм ҷанг кард ва амвол ва ғаноими ҷангиро дар байни мусалмонон тақсим менамуд ва фармони Худоро иҷро менамуд".

Агар гуфта шавад: Чаро номи Муъовияро баъд за Хулафои чаҳоргона овардайи, дар ҳоле ки касони дигаре

[22] : Ривояти Ал-Халлол дар Ал-суннат ва иснодаш саҳеҳ аст

ҳастанд, ки мақом ва манзалаташон аз Муъовия болотар ва фазилати бештаре бархурдоранд?.

Ҷавоби ин суол ин аст, ки ин як қоида ва формулаи бузургест, ки яке аз бузургони салафи солеҳ ба номи Абӯ Тавбаҳ Рабеъ бин Нофеъ онро бунёд ниҳода ва он ин, ки мефармояд- ва чӣ сухани бо арзиш ва муфиде-: "Муъовия ниқоб ва пардаест бар рӯйи ёрони Паёмбар(с), пас ҳар гоҳ касе ин пардаро бардошт, ҷуръати бештаре пайдо хоҳад кард, то бақияи Саҳоба ва касоне, ки пушти сари ӯ ҳастанд, беадабӣ ва таҷовуз ва таъаддӣ кунад"[23].

Аллома Абдулмуҳсин Алъибод (Худо ҳифзаш кунад) мегӯяд: Пас касе, ки дар мавриди Муъовия (р) чизе бигӯяд ва ҷуръат дошта бошад, ки сухани нолоиқ ва ношоистаро ба ӯ бигӯяд, барояш бисёр осонтар аст, ки дар мавриди ғайри Муъовия ва касоне, ки аз Муъовая беҳтар ва бартар буданд, бадгӯйи кунад ва ҳатто ба соҳати поки касоне, ки аз ҳама олим пас аз Паёмбарон бартар ва афзалтар буданд, яъне: Абӯбакри Сиддиқ ва Умар бин Хаттоб ва сипас Усмон бин Аффон ва Алӣ бин Абӯтолиб(р) таҷовуз намояд ва беадабӣ кунад.

## Ихтисос додани дурӯд ба бархе аз Асҳоб:

Шайхи Ислом Ибни Таймия(р) мегӯяд: "Барои ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки яке аз ёронро ба дурӯд фиристодан мухтас намояд, ба ҷуз Паёмбари Худо(с), на Абӯбакр ва на Умар ва на Усмон ва на Алӣ ва ҳар кас чунин коре кунад, бидъаткор аст, сипас бояд бар ҳамаи онҳо салавот бифиристад, ё ин ки ҳамаи онҳоро тарк кунад".

Ва ҳам чунин мегӯяд: "Ихтисос додани яке аз Асоҳоб ва ё наздикон ва хешовандони Паёмбар(с) монанди Алӣ ва ғайри Алӣ ба дурӯд фиристодан ва тарки бақияи ёрон ба

[23] : Мақсуд ин аст, ки вақте ба Муъовия фаҳш ва дашном доданд, бар бақияи Асҳоб низ ин ҷуръатро хоҳанд дошт, то саб ва дашном диҳад.

тавре, ки ин навъ дурӯд фиристоданро шиъор ва аломати муъайяне барои ин шахс қарор диҳад, дар воқеъ ин кор яксон намудани он шахс бо Паёмбар(с) ва бидъати маҳз аст"[24].

## Бартарин ва бузургвортарин ёрон чӣ касонанд?

Бузурвортарин Асҳоб ба тартиб, Хулафои чаҳоргона: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ мебошанд. Сипас бақияи даҳ нафаре, ки муждаи биҳишт ба онҳо дода шуда, яъне (ашараи мубашшара) Талҳа, Зубайр, Абдурраҳмон бин Авф, Абӯ Убайда бин Ҷарроҳ, Саъд бин Аби Ваққос ва Саъид бин Зайд ва Муҳоҷирин ва Ансор ва Аҳли Бадр ва Аҳли Байъатурризвон, бартарӣ доранд ва касоне, ки қабл аз фатҳ мусалмон шуда ва дар ғазавот ширкат кардаанд, бар касоне, ки баъд аз фатҳ мусалмон шудаан, фазилат доранд.

## Баъзе аз аъмоли боқимонда ва ҷовидонаи ёрони Паёмбар(с).

Мавоқифи онон бисёр бештар аз он аст, ки битавон онро дар ин ҷо гунҷонд, аммо сареъ ва гузаро ба баъзе аз онҳо ишора карда ва мегуем:

Аз ҷумлаи он мавоқиф ва бархурдҳо ҷавобест, ки Муҳоҷир ва Ансор ба Паёмбари Худо(с) доданд. Вақте, ки Паёмбар(с) дар бораи ғазваи Бадр аз Муҳоҷирин ва Ансор раъй ва изҳори назар хост, он ҷо ки бидуни ҳеҷ омодагӣ бо душман мувоҷеҳ шуданд ва Паёмбар(с) дар миёнашон истод ва фармуд: "أشيروا عليَّ أيها الناس". "Эй мардум! Ба ман пешниҳод кунед ва раъй ва назари худро иброз доред.

---

[24] : Мақсуд ин аст, ки набояд навъе аз салавоти махсусро ба шахси муъайяне аз Асҳоб ихтисос дод ва бақияи Асҳобро тарк кард.

Ва мақсуди он ҳазрат(с) гуруҳи Ансор буд, зеро дар Байъатул-ақаба қарор бар он буд, ки фақат дар Мадина аз ӯ дифоъ кунанд, на хориҷ аз Мадина. Дар ин асно Абӯбакр(р) ба по хест ва сухани зебо ва накӯи хурдро эрод кард, сипас Умар(р) бархост ва суханони накӯеро бар забон оварда, сипас Миқдод бин Амр ба по хест ва гуфт: Эй Расули Худо! Он чиро ки Худо ба ту дастӯр дода анҷом деҳ, ва мо бо ту ҳастем, ба Худо савганд, мо ҳамчун бани Исроил нахоҳем гуфт:

" فَاذْهَبْ أَنْتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلَا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ"[٢٥].

"Тӯ ва Парвардигорат биравед ва (бо онон) биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастаем".

Вале мегӯем:

"اذهب أنت وربك فقاتلا إنا معكما مقاتلون"

"Ту ва Парвардигорат биравед бо душманон биҷангед, мо ҳамроҳатон сарбозони ҷонфидо ҳастем". Савганд ба Худое, ки туро фиристодааст, агар моро ба "Баракул-ғимод" -номи маҳалест дар Яман- бибаред, бо тӯ хоҳем буд, то ин ки ба онҷо бирасӣ", пас Расули Худо(с) ба ӯ фармуд: бисёр хуб. Сипас фармуд:

"أشيروا عليَّ أيها الناس "

"Бо ибрози раъй ва назари худ маро ёрӣ диҳед". Дар ин асно Саъд бин Муъоз бархост ва гуфт: "Эй Расули Худо мисли ин ки моро дар назар доред"? Он ҳазрат фармуд: Бале. Пас Саъд бин Муъоз ба по хест ва гуфт: "Мо ба тӯ имон овардаем ва тӯро ростгӯ ёфтаем ва гувоҳӣ додаем он чиро, ки тӯ овардайи ҳақ аст ва аҳд ва паймон додаем, ки аз тӯ итоъат кунем ва гӯш ба фармони ту бошем, пас ҳар чӣ ки мехоҳӣ анҷом бидеҳ, мо бо ту ҳастем. Ба Худо савганд! Агар моро ба дарё бикашонӣ ва дастӯр диҳӣ, ки дар он фурӯ равем, бо ту ҳастем ва касе аз мо аз фармонат сарпечӣ нахоҳад кард ва боке надорем, ки фардо моро бо

---

[25] : Сураи Моидаҳ 24

душман мувоҷеҳ кунед. Дар майдони ҷанг сабр ва таҳаммул хоҳем дошт ва дар муқобила ба дӯшман содиқ ва ростгӯем, умед аст, ки Худованд чизе аз мо ба ту нишон диҳад, ки  чашмонат бо он равшан шавад, пас бирав ба баракати Худо".

## Вазифаи мо дар баробари Ёрони Паёмбар(с)

Асҳоби Паёмбар(с) бар ояндогон ва касоне, ки пас аз эшон омаданд, ҳуқуқи зиёде доранд, аз ҷумла:

**Аввалан: Эҳтиром ва дӯст доштан онон ва ҳаром будани кина нисбат ба ҳар яке аз онон.**

Дар ин бора оёт ва аҳодиси зиёде ворид шуда аз ҷумла:  Худованд мефармояд:

" وَالَّذِينَ جَاءُوا مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ"[٢٦].

"(Ҳамчунин) касоне, ки баъд аз онҳо (муҳоҷирин ва ансор) омаданд мегӯянд: Парвардигоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пеши гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳоямон ҳис ва кинае нисбат ба муминон қарор мадеҳ, Парвардигоро! Ту меҳрубон ва раҳим ҳастӣ".

Имом Молик мефармояд: "Ҳар кас нисбат ба яке аз ёрони Паёмбар нафрат дошта бошад, ё дар ӯ кинае вуҷуд дошта бошад, ҳеҷ саҳме дар фай ва байтулмоли мусаломонон надорад (яъне мусалмон нест), сипас ояти боло "...وَالَّذِينَ جَاءُوا مِنْ بَعْدِهِمْ " ро тиловат намуд".

Адий бин Собит ривоят мекунад, ки Барро аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки он ҳазрат дар бораи Ансор фармуд:

" لا يحبهم إلا مؤمن، ولا يبغضهم إلا منافق، من أحبهم أحبه الله ومن أبغضهم  أبغضه الله"[٢٧].

[26] : Сураи Ҳашр10
[27] : Ривояти Муслим

"Ба ҷӯз мӯмин каси дигаре Ансорро дӯст намедорад ва ба ҷӯз мунофиқ бо онҳо нафрат наметарзад ва ҳар кас онҳоро дӯст дошта бошад, Худо низ ӯро дӯст дорад ва ҳар кас онҳоро мавриди кина қарор диҳад, Худо ӯро мавриди кина ва дӯшманӣ қарор медиҳад".

**Дуввум: Дӯо барои онҳо ва фиристодани раҳмат ва талаби мағфират бар эшон.**

Худованд ҳамаи мӯминонеро, ки баъд аз ёрони Паёмбар(с) омаданд, ҷиҳати дӯо кардан барои онҳо ва фиристодани раҳмат ба руҳи покашон фаро мехонад, чунон чӣ мефармояд:

" وَالَّذِينَ جَاءُوا مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ"[٢٨].

"(Ҳамчунин) касоне, ки баъд аз онҳо (муҳоҷирин ва ансор) омаданд ва мегӯянд: Парвардигоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пеши гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳоямон ҳис ва кинае нисбат ба муминон қарор мадеҳ, Парвардигоро! Ту меҳрубон ва раҳим ҳастӣ".

Урва бин Зубайр мегӯяд: Ойша (р) ба ман гуфт:

" يا ابن أختي! أمروا أن يستغفروا لأصحاب النبي(ص) فسبوهم"[٢٩].

"Эй хоҳарзодаи ман! Бо онон дастӯр дода шуда, то барои ёрони Паёмбар(с) истиғфор кунанд, вале онҳоро дашном доданд".

Имоми Наваӣ (р) мегӯяд: "... қози Аёз мегӯяд: Зоҳиран Ойша вақте ин суханро гуфтаст, ки шунадааст аҳли Миср дар бораи Усмон бадгӯйи кардаанд ва аҳли Шом дар бораи Алӣ ва Ҳарурия (Хавориҷ) дар бораи ҳамаи Асҳоб бадгӯйи карда ва суханони ношоиста гуфтанд".

---

[28] : Сураи Ҳашр 10
[29] : Ривояти Муслим

**Саввум: Дӯрӣ аз саб ва дашном додан ба онҳо, ё поён овардани шахсияти ва костани мақом ва манзалати онон.**

Нусус ва суханони бисёре дар бораи таҳрими саб ва дашном додан ва ё таън задан бо онон ва костани қадр ва манзалаташон ворид шуда аст, аз ҷумла:

Имом Бухорӣ ва Муслим дар саҳеҳашон аз Абӯ Саъиди Хузрӣ(р) ривоят мекунад, ки Паёмбар(с) фармуд:

"لا تسبوا أصحابي، فوالذي نفسي بيده لو أن أحدكم أنفق مثل أحد ذهباً ما أدرك مد أحدهم ولا نصيفه".

"Ёрони маро дашном надиҳед. Савганд ба зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, агар яке аз шумо ба андозаи куҳи Уҳуд тило ва ҷавоҳиротро дар роҳи Худо бибахшад бо пойи як мушти онон, балки ба нисфи он ҳам нахоҳед расид".

Ибни Аббос(р) ривоят мекунад, ки Паёмбар(с) фармуд:

"من سبَّ أصحابي، فعليه لعنة الله والملائكة والناس أجمعين"[٣٠].

"Ҳар касе ёрони маро дашном диҳад, лаънати Худо ва фариштагон ва тамоми мардум бар ӯ буд".

**Чаҳорум: Худдорӣ ва сукун кардан дар мавриди ихтилоф ва мунoқишаҳое, ки дар байни онон рӯх додааст.**

Ибни Масъуд аз Расули Худо(с) ривоят мекунад, ки фармуд:

"إذا ذكر القدر فأمسكوا، وإذا ذكر أصحابي فأمسكوا"[٣١].

"Ҳар гоҳ дар бораи қазо ва қадар сухан ба миён омад ва ё дар мавриди ёрони ман баҳс пеш омад, сукут ихтиёр кунед".[i]

Пас мазҳаби Аҳли Суннат ва Ҷамоъат беҳтарин дидгоҳ ва зеботарин гумонро дар мавриди ёрони

[30] : Ривояти Табаронӣ

[31] : Манбаъи собиқ

Паёмбар(с) дорад ва дар маврид муноқиша ва баҳсҳое, ки байни онон рӯх дода, сукут ихтиёр карда ва ҷангу ҷидол миёни ононро таъвил мекунад, зеро онон муҷтаҳид буданд ва дар иҷтиҳодашон аҷр ва подош мебаранд, хоҳ хато ва иштибоҳ бошанд ва ҳақро исобат намуда бошанд, зеро ки онон мухлис буданд ва ҳар гуруҳ раъй ва назар ва нияти хубе дошта, ки аз он дифоъ намудааст ва ихтилофи онон бар мусобақа дар сарватандӯзӣ ва дӯнёпарастӣ набудааст, балки иҷтиҳодашон дар ростои татбиқ ва иҷрои шариъат будааст, пас онон лоиқтарин ва шоистатарин касонеанд, ки бояд бар эшон ӯзр авард ва дар бораашон гумони хуб дошт.

Суханони зиёде аз ҷониби баъзе Салафи Солеҳ ворид шудааст, ки мавқифи саҳеҳи мусалмононро дар муқобили он чӣ байни ёрони Паёмбар(с) рӯх дода, баён медорад, аз ҷумла:

Абдуллоҳ бин Муборак(р) мегӯяд: "Он чӣ байни онон иттифоқ афтода, фитнае буда, ки Худованд шамшерҳои моро аз он нигаҳ дошта ва ҳифз намуда аст, пас мо бояд забони худро аз он ҳифз кунем ва нигаҳ дорем".

Умар бин Абдулъазиз(р) мегӯяд: "Он хунҳое, буда ки Худованд даст маро бо он олӯда накарда, пас чаро забони худро бо он олӯда кунем. Масали ёрони Паёмбар(р) монанди чашм аст ва давои чашм ламс накардани он аст".

Имоми Байҳақӣ дар тавзеҳ ва ташреҳи сӯханони Умар бин Абдулъазиз мегӯяд: "Ин сӯхане аст, ки бисёр наку ва зебо, зеро сукут дар мавриди он чӣ, ки ба инсон рабт надорад, айни ҳақ ва савоб аст".

Имом Аҳмад(р) мегӯяд: "Бисёр возеҳ ва ошкор аст ва ниёзе ба далоил ва бароҳин надорад, ин ки маҳосин ва некиҳои ҳамаи ёрони Паёмбар(с) зикр шаванд ва аз зикри бадиҳо ва ихилофот ва он чӣ байни онҳо иттифоқ афтода, парҳез шавад".

Боз ҳам имом Аҳмад дар ҷои дигаре ҳангоме, ки аз ёрони Паёмбар(с) сухан ба миён омада, чунин мегӯяд: "Худованд ҳамаи онҳоро раҳмат кунад, зеро ки Худованд Муъовия, Амр бин Ос ва Абӯ Мусо Ашъарӣ ва Муғира ва ҳамаи ононро дар китоби худ чунин тавсиф намудааст:

" سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ"[٣٢].

"Нишонаҳои (итоъати) онҳо (аз Худованд) дар сураташон аз асари саҷда (ва ибодат) намоён аст".

## Ҷавоби баъзе аз ривоёте, ки дар бораи бадиҳои онон ворид шудааст.

Ҷавоби ин гӯна ривоёт ба чанд даста тақсим мешавад:

1. Баъзе аз ин ривоёт дурӯғ ҳастанд

2. Дар баъзе аз ин ривоятҳо нақс ва костӣ ва ё зиёдатӣ ва изофӣ вуҷӯд дорад ва аз тариқ ва роҳи саҳеҳи худ мунҳариф шуда ва дучори тағйир гаштаанд, пас набояд бо он ривоёт таваҷҷуҳ намуд.

3. Баъзе дигаре аз ин осор ва ривоятҳо, ки саҳеҳ ҳастанд- албатта хеле кам ҳастанд- ёрон дар мавриди онҳо маъзуранд, зеро онҳо иҷтиҳод карданд, ки мумкин аст дар иҷтиҳодашон ба ҳақ расида ва исобат карда бошанд ва ё исобат накарда ва ҳақро наёфта бошанд. Агар дар иҷтиҳодашон ба ҳақ расида бошанд, ду аҷр хоҳанд дошт, ва агар иштибоҳ карда бошанд, як аҷр хоҳанд дошт.

4. Ин ки онҳо инсонанд ва мумкин аст ҳар яки онҳо дучори иштибоҳ ва хато бишаванд, аммо барои талофӣ ва ҷуброни иштибоҳоте, ки аз онҳо содир шуда, роҳҳои мутаъаддиде вуҷуд дорад, аз ҷумла:

**Аввал**: Онҳо чунон дорои собиқаи дурахшон ва фазоил ва камолот ҳастанд, ки муҷиби бахшида шудани

[32] : Сураи Фатҳ 29

иштибоҳоти онҳо -агар дошта бошанд- мешавад, Худованд мефармояд:

" إِنَّ الْحَسَنَاتِ يُذْهِبْنَ السَّيِّئَاتِ"[33].

"Дар ҳақиқат ҳасанот ва хубиҳо бадиҳо (ва осори онҳоро) аз байн мебарад".

**Дувум:** Ин ки ҳасанот ва некиҳои онҳо бештар аз дигарон аст ва ҳеҷ кас дар фазилат ва бартарӣ бо онҳо ҳамсон ва баробар нест ва як мушт инфоқе, ки онҳо дар роҳи Худо медиҳанд, беҳтар ва бештар аз инфоқи дигарон аст, агар чӣ ба андозаи кӯҳи Уҳуд тило ва ҷавоҳирот бошад, ҳамчуноне, ки дар Саҳиҳайн омадааст.

**Саввум**: Ин ки мумкин аст аз он гуноҳ тавба карда бошад ва мусаллам аст, ки тавба тамоми гуноҳонро нобуд мекунад.

## Оё Асҳоб маъсӯманд?

Аҳли Суннат ва Ҷамоъат ва пешвоёни дин муътақид ба исмати ҳеҷ яке аз Асҳоб нестанд, балки онҳоро ҷоизул-хато донистаанд. Аммо Худованд тавбаро василаи омӯрзиш ва бахшиши гуноҳон ва боло бурдани дараҷоти онон қарор дода, чунон чӣ мефармояд:

" وَالَّذِي جَاءَ بِالصِّدْقِ وَصَدَّقَ بِهِ أُوْلَئِكَ هُمْ الْمُتَّقُونَ (الزمر٣٣) لَهُمْ مَا يَشَاءُونَ عِنْدَ رَبِّهِمْ ذَلِكَ جَزَاءُ الْمُحْسِنِينَ (الزمر٣٤) لِيُكَفِّرَ اللَّهُ عَنْهُمْ أَسْوَأَ الَّذِي عَمِلُوا وَيَجْزِيَهُمْ أَجْرَهُمْ بِأَحْسَنِ الَّذِي كَانُوا يَعْمَلُونَ "[34].

"Ва касе, ки сухани рост биёварад ва касе, ки онро тасдиқ кунад, онон парҳезгоронанд! Он чӣ бихоҳанд назди Парвардигорашон барои онон мавҷӯд аст ва ин аст ҷазои накӯкорон! то Худованд бадтарин аъмолеро, ки анҷом медоданд (дар сояи имон ва садоқати онҳо) бибахшад ва онҳоро ба беҳтарин аъмоле, ки анҷом медоданд, подош диҳад".

---

[33] : Сураи Ҳӯд 114

[34] : Сураи Зумар 33-34-35

Пас танҳо Анбиё ва Паёмбаронанд, ки маъсӯманд, на сиддиқин ва шуҳадо ва солиҳин, ки онҳо дар хусуси иртикоби гуноҳон маъсӯм нестанд, аммо дар иҷтиҳод мумкин аст, ки исобат кунанд ва ба ҳақ бирасанд, ё ин ки бо хато биравaнд, ки ҳар гоҳ иҷтиҳоди онон саҳеҳ буд, ду аҷр доранд ва агар дар иҷтиҳодашон дучори иштибоҳ шуданд, як подош доранд, он ҳам подоши иҷтиҳодашон мебошад.

### Ҳукми носазо ва дашном додан ба Асҳоби Паёмбар(с).

Касе, ки ба гӯнае онҳоро дашном диҳад, ки бо адолат ва дини онҳо латмае ворид накунад, монанди ин ки онҳоро ба бухл ва хасисӣ, ё тарсӯ, ё кам илм доштан ва ё безуҳд ва монанди инҳо тавсиф кунад, ин шахс бидъаткор аст ва сазовори таъдиб ва таъзир мебошад ва шомили ин сухани имом Аҳмад мешавад, ки мефармояд:

"من سبَّ أصحاب رسول الله(ص) أو أحداً منهم فهو مبتدع".

"Ҳар касе ёрони Паёмбар ё яке аз ононро дашном диҳад, ӯ бидъаткор аст".

Аммо касе, ки аз инҳо таҷовуз кунад ва ононро пас аз Расули Худо(с) муртад бидонад ва ё аксари Асҳобро фосиқ бидонад, дар кофир шудан ва бедин будани чунин шахсе ҳеҷ шаке нест, зеро насси Қуръонро такзиб намуда, ки дар ҷойҳои зиёде ононро мадҳ ва ситоиш гуфта ва ризояти Худо ва мардум аз онҳоро баён доштааст.

Имом Молик(р) мегӯяд:

"من شتم أحداً من أصحاب رسول الله(ص)، أبابكر أو عمر أو عثمان أو معاوية أو عمرو بن العاص، فإن قال: كانوا على ضلال أو كفر، قتل، وإن شتمهم بغير هذا من مشاتمة الناس، نكل نكالاً كذا من الصواعق".

"Касе, ки яке аз ёрони Паёмбарро дашном диҳад, хоҳ Абӯбакр бошад ва ё Умар ва ё Усмон ва ё Муъовия ва ё Амр бин Ос, ё ҳар каси дигар аз Асҳоб ва бигӯяд, ки онҳо

гумроҳ ва ё кофир буданд, бояд ин фард кушта шавад ва агар онҳоро дашном дод ба гунае, ки мардум ҳамдигарро дашном медиҳанд, дар ин сурат бояд он шахс ба шиддат таъдиб ва таъзир шавад".

Муло Алӣ Қорӣ дар бораи ҳукми саб ва дашноми Саҳоба ин чунин мегӯяд:

"من سب أحداً من الصحابة، فهو فاسق ومبتدع بالإجماع، إلا إذا اعتقد أنه مباح، أو يترتب عليه ثواب، أو اعتقد كفر الصحابة، فإنه كافر بالإجماع".

"Ҳар касе яке аз Асҳобро дашном диҳад, бино ба раъйи иҷмоъи уламо ин фард фосиқ ва мубтадеъ аст, магар ин ки он шахс муътақид ба мубоҳ будани он бошад, ё ин ки дашном додан ба Асҳобро муҷиби савоб ва подош бидонад ва ё ин, ки муътақид ба кофир будани Асҳоб бошад, дар ин сурат бино ба раъйи иҷмоъи уламо, чунин фарде кофир аст".

## **Он чӣ бар саб ва дашноми Асҳоб мутараттиб мешавад.** (Натиҷаи дашноми Саҳоба)

Саб ва дашноми Асҳоб, танҳо дашном ба ёрони Паёмбар(с) нест, балки беэҳтиромӣ ва дашном додан ба Асҳоб ва худи Паёмбар ва шариъат ва ҳатто зоти Худост.

Ҳоло чӣ гӯна сарзаниш ва беэҳтиромӣ нисбат ба Асҳоб аст, ин возеҳ ва ошкор аст.

Аммо чӣ гӯна беадабӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба Паёмбар(с) аст. Аз ин лиҳоз, ки вақте ёрони Паёмбар(с) ва Уммат ва ҷонишинаш аз ашрор ва бадтарин махлуқот бошанд, далел бар ин аст, ки (паноҳ бар Худо) Паёмбар(с) низ аз ашрор ва бадкорон будааст!! Аз ҷониби дигар ҳам бар бадии Паёмбар далолат дорад ва он ҳам таксиби Паёмбар аст дар эълом ва хабар доданаш дар мавриди фазоил ва камолоти Асҳоб.

Аммо чӣ гӯна далолат ба бадии шариъат мекунанд! Бадин сурат, ки Асҳоб восита ва василаи нақли шариъат

буданд ва онҳо ҳастанд, ки дин ва шариъатро ба мо расонданд, пас вақте, ки онҳо аз адолат соқит ва фосиқ ва фоҷир буда бошанд, ҳеҷ итминон ва эътимод ва боварӣ ба шариъат ва қонуне, ки онҳо нақлаш намуданд, намемонад.

Ва аз ин лиҳоз ҳам бар бадии Худо (ба Худо паноҳ мебарам) далолат дорад, зеро вақте, ки Худованд Паёмбарашро дар миёни бадтарин мардум фиристода бошад ва ашрори мардумро барои мусоҳабат ва ҳамнишинӣ бо Паёмбар(с) ва ҳамл ва расонидани паём ва рисолаташ ба Уммати худ ихтиёр карда бошад, мусаллам аст, ки аз чунин сухан ва тасаввуре дар мавриди Худо чӣ чизе бардошт мешавад!!

Бисёр ҷойи диққат ва таъаммул аст, ки дашном додан ва сабби Асҳоб муҷиби чӣ накуҳиш ва сарзанишҳои бузурге мешавад ва авоқиб ва саранҷоми он ба куҷо хотима меёбад?!.

Дар поён аз Худованди мутаъол хосторам, ки ҳамаи моро бар дин ва кеши худ бимиронад ва бо зумраи некон маҳшӯр фармояд, Омин.

وآخر دعوانا أن الحمد لله رب العالمين.

## Феҳрасти матолиб

Муқаддима....................................................................3
Таърифи Саҳоба дар луғат...............................................4
Таърифи Саҳоба дар истилоҳ..........................................5
Саҳоби чӣ гӯна шинохта мешавад..................................5
Асҳобе, ки бештар ривоётро нақл кардан.....................6
Асҳобе, ки бештар фатво доданд....................................7
Мадҳ ва ситоиши Саҳоба дар Қуръон ва
Суннат ва ақволи Салафи Солеҳ.....................................7
Ситоиши ва мадҳи онҳо дар Аҳодис ва
Суннати Паёмбар(с).......................................................11
Мадҳ ва ситоиши Асҳоб аз забони Салафи Солеҳ.....13
Зикри гушае аз мадҳ ва ситоишҳое, ки дар
мавриди баъзе аз Асҳоб ворид шуда............................14
Аввал: Абӯбакри Сиддиқ(р)..........................................14
Дувум: Умар бин Хаттоб(р)...........................................17
Савум: Усмон бин Аффон(р).........................................19
Чаҳорум: Алӣ бин Абӯтолиб(р)...................................21
Панҷум: Муъовия бин Абисуфён(р).............................23
Ихтисос додани дурӯд ба бархе аз Асҳоб....................25
Беҳтарин ва бузургтарин ёрон чӣ касонеанд?.............26
Баъзе аз аъмоли бокимонда ва ҷовидонаи ёрони
Паёмбар(с)......................................................................26
Вазифаи мо дар баробари ёрони Паёмбар(с)............28
Ҷавоби баъзе ривоёте, ки дар бораи бадиҳои онон
ворид шудааст...............................................................32
Оё Асҳоб маъсуманд?...................................................33
Ҳукми носазо гуфтан ва дашном додан ба Асҳоб
ва Ёрони Паёмбар(с).......................................................34
Он чӣ бар саб ва дашном додани Саҳоба
мутараттиб мешавад......................................................35
Феҳрасти матолиб.........................................................37

Барои иртибот бо мо метавонед бо суроғаи зер тамос бигиред:
**Саъуди: Риёз- рақами почта (11757) Сандуқи пӯст: (150103)**
www.aqeedeh.com
yad631@yahoo.com
aqeedeh@hotmail.com

*   *   *